**ХУЛОСАИ**
**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти**
**дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

**Парвандаи аттестатсионии № ___**
**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 18-уми марти соли 2021, № 49**

Дар бораи ба Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсия дар мавзӯи «Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, санаи 15.12.2020, суратмаҷлиси №40 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.06.2019, №133) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Диссертант Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор 8-уми декабри соли 1987 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2009 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси «Ҳуқуқшинос» бо дипломи аъло хатм намудааст. Диссертатсияи номзадиро соли 2014 дар мавзӯи «Табиати ҳуқуқии шартномаҳои муаллифӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Шӯрои якҷояи диссертатсионии ДМ 737.004.08 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинов Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи (Славянии) Руссия ва Тоҷикистон” дифоъ намуда, соҳиби дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ гардидааст. Дар давраи омодасозии диссертатсия Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор ҳамчун дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардида, дар ҷаласаҳои он муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст (суратмаҷлиси №4 аз 31-уми октябри соли 2020). Мавзӯи диссертатсия – «Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети

ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 01.07.2015 суратмаҷлиси №11 (15-16) тасдиқ шудааст.

**Мушовири илмӣ:**

**Ғаюров Шукрулло Кароматуллоевич** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Тагаева Санавбар Назиркуловна** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи граждании Муассисаи таҳсилоти олии «Донишгоҳи идоракунии «ТИСБИ»-и Федератсияи Россия.

**Меликов Умрилло Асадуллоевич** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва маъмурии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи (Славянии) Руссия ва Тоҷикистон (ш. Душанбе) дар тақризи мусбати худ, ки дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи граждании Донишгоҳи (Славянии) Руссия ва Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2021 (протоколи №6) муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шуда, аз ҷониби доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкории Донишгоҳи (Славянии) Руссия ва Тоҷикистон Султонова Т.И. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи (Славянии) Руссия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои физика ва математика, профессор Хоҷазода Т.А. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор дар мавзӯи «Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии

хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масоили гуногуни танзими ҳуқуқҳои кӯдак алоқамандӣ дорад.

Диссертант вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллифи 1 китоби дарсӣ, 13 васоити таълимӣ, 3 монография ва 17 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**


1. Гафforзода, И.Г. Правовой статус ребенка по законодательству Таджикистана: цивилистическое исследование. (Монография). – СПб.: Питер, 2016. – 160 с.
2. Ғаффорзода, И.Ғ. Кӯдак ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ: ҳолати ҳуқуқӣ ва мушкилоти танзим. (Монография). – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – 196 с.
3. Гаффорзода, И.Г. Права ребёнка и родительская власть: исторические аспекты и современные теоретико-практические проблемы частноправового характера. (Монография). – Душанбе, «ЭР-граф», 2018. – 160 с.
4. Гаффорзода, И.Г. Правовой статус ребенка в гражданском праве: постановка вопроса. // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2016. – №2/6 (210). – С. 194-198.
5. Гаффорзода, И.Г. Эмансипация и ее теоретико-практическая значимость и необходимость для правореализации несовершеннолетнего в условиях правовой действительности Республики Таджикистан. // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2017. – №2/7. – С. 273-280.
6. Гаффорзода, И.Г. Соотношение понятий «малолетний», «несовершеннолетний» и «ребенок»: их гражданско-правовое значение. // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2017. – №2/10. – С. 251-257.
7. Гаффорзода, И.Г. О некоторых аспектах правового статуса ребенка в мусульманском праве. // Вестник Таджикского национального

университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2018. – №2. – С. 180-186.

8. Гаффорзода, И.Г. О проблемах правового положения ребенка в римском праве. // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2018. – №3. – С. 153-162.

9. Гаффорзода, И.Г. Проблемы участия несовершеннолетнего в отношениях, регулируемых гражданским правом. // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2018. – №4. – С. 204-214.

10. Ғаффорзода, И.Ғ. Баъзе ҷанбаҳои ҷавобгарии ҳуқуқии кӯдак дар муносибатҳои хусусӣ аз нигоҳи стандартҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2019. – №2. – С. 176-180.

11. Ғаффорзода, И.Ғ. Тазоҳури хусусиятҳои иштироки кӯдак дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои меросӣ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2019. – №3. – С. 175-180.

12. Ғаффорзода, И.Ғ. Асосҳои назарии мазмуну моҳияти ҳуқуқу уҳдадории падару модар дар тарбияи фарзандон. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. – №1. – С. 193-198.

13. Ғаффорзода, И.Ғ. Баъзе ҷанбаҳои мубрами вазъи ҳуқуқии кӯдак дар даврони шӯравӣ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. – №1. – С. 237-243.

14. Ғаффорзода, И.Ғ. Мушкилоти танзими ҳуқуқии иштироки кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқи манзилӣ: баъзе масъалаҳои назарию амалӣ. // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – № 2 (30). – С.193-203.

15. Ғаффорзода, И.Ғ. Баъзе ҷанбаҳои мубоҳисавии вазъи ҳуқуқии кӯдак дар иртибот бо ҳуқуқи падару модар ба таълиму тарбияи фарзандон. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. – №2. – С. 196-201.

16. Ғаффорзода, И.Ғ. Масоили назариявӣ ва танзимӣ-ҳуқуқии қобилияти субъекти ҳуқуқи гражданӣ будани кӯдак. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. – №2. – С. 231-238.

17. Ғаффорзода, И.Ғ. Баъзе масъалаҳои ҳуқуқу ухдадориҳои мутақобилаи падару модар ва фарзандон. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. – №3. – С. 215-223.

18. Ғаффорзода, И.Ғ. Амсилаи ҳуқуқии ғамхории иҷтимоӣ ва ҳуқуқҳои кӯдак: мушкилоти ҳамоҳангсозии манфиатҳои ҳуқуқии хусусӣ ва ҳуқуқии оммавӣ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. – №4. – С. 243-251.

19. Ғаффорзода, И.Ғ. Масъалаҳои муҳими восита ва механизмҳои ҳуқуқии гражданӣ ва оилавии ҳимояи ҳуқуҳои кӯдак. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. – №5 – С. 254-262.

20. Ғаффорзода, И.Ғ. Нарх ҳамчун унсури шартномаи муаллифӣ. // Паёми донишгоҳ (Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон). – Душанбе, 2013. – №4(43). – С. 105-115.

21. Ғаффорзода, И.Ғ. Барномаи таълимии фанни ҳуқуқи римӣ (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). / М.А. Маҳмудов, Ш.К. Бадалов. – Душанбе, «ЭР-граф», 2011. – 32 с.

22. Ғаффорзода, И.Ғ. Барномаи таълимии фанни ҳуқуқи оила (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). / М.А. Маҳмудов, Ш.К. Бадалов, Б.Т. Худоёров. – Душанбе, «ЭР-граф», 2011. – 40 с.

23. Ғаффорзода, И.Ғ. Барномаи таълимии фанни ҳуқуқи экологӣ (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). / Ш.К. Бадалов. – Душанбе, «ЭР-граф», 2011. – 40 с.

24. Ғаффорзода, И.Ғ. Барномаи таълимии фанни ҳуқуқи шартномавӣ. / Р.Ҷ. Ҷабборов, Ш.К. Бадалов. – Душанбе, «ЭР-граф», 2011. – 12 с.

25. Ғаффорзода, И.Ғ. Барномаи таълимии фанни ҳуқуқи нақлиёт (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). / Ш.К. Бадалов. – Душанбе, «ЭР-граф», 2011. – 20 с.

26. Ғаффорзода, И.Ғ. Барномаи таълимии курси махсуси «Ҳимояи ҳуқуқи занон ва кӯдакон дар ҳуқуқи оилаи Тоҷикистон». / М.Ҷ. Бурҳонова, Ш.К. Бадалов, Н.Ш. Қурбоналиев. – Душанбе, «ЭР-граф», 2013. – 28 с.

27. Ғаффорзода, И.Ғ. Ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдакон дар ҳуқуқи оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. / М.Ҷ. Бурҳонова, Ш.К. Бадалов. –Душанбе, «ЭР-граф», 2013. – 83 с.

28. Ғаффорзода, И.Ғ. Ҳуқуқи гражданӣ (воситаи таълимӣ). / Ш.К. Бадалов, Н.Ш. Қурбоналиев, Б.Р. Расулов. – Душанбе, «ЭР-граф», 2013. – 336 с.

29. Ғаффорзода, И.Ғ. Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми III / Ш.Т. Тағойназаров, Б.Р. Расулов, Ш.К. Бадалов, Ф.А. Қосимов. – Душанбе: нашриёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2014. – 351 с.

30. Ғаффорзода, И.Ғ. Ҳуқуқи хусусии римӣ (бо забони тоҷикӣ). Воситаи таълимӣ / Қ.Ш. Қурбонов, Ҳ.М. Саидов. – Душанбе: «Андалеб Р», 2015. – 124 с.

31. Ғаффорзода, И.Ғ. Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми I (бо забони тоҷикӣ). Воситаи таълимӣ / Қ.Ш. Қурбонов, Ҳ.М. Саидов. – Душанбе: «Андалеб Р», 2015. – 212 с.

32. Ғаффорзода, И.Ғ. Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми I (китоби дарсӣ). / Қ.Ш. Қурбонов. – Душанбе: «Донишварон», 2017. – 504 с.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд.**

Аз ҷониби Ғафурзода А.Д. – Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор; Карагусов Ф.С. - Сарходими илмии Пажӯҳишгоҳи ҳуқуқи хусусии Донишгоҳи Каспий, шарики ШММ “K&T (Кей энд Ти Партнерс)”, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; Лёвушкин А.Н. - профессори кафедраи фанҳои гражданӣ-ҳуқуқии МТҒ ТОК «Академияи иқтисод ва ҳуқуқи Москва», д.и.ҳ., профессор; Дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратии МДТФБ ТО «Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург», доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Д.А. Петров; Муовини роҳбари Котиботи Шӯрои АБП ИДМ – Директори Пажӯҳишгоҳи байналмилалии мониторинги инкишофи демократия, парламентаризм ва риояи ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон (ПБМИД АБП ИДМ), доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Корманди фахрии соҳаи маорифи Федератсияи Россия И.И. Мушкет.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оид ба: таҳлили ҷанбаҳои амалии мавзӯъ; ҳамчун зуҳуроти байнисоҳавӣ ва комплексӣ маънидод намудани ҳуқуқи кӯдак; таҳлилҳо ва ақидаҳои муаллиф вобаста ба қобилияти деликтии кӯдак; пешниҳоди муаллиф вобаста ба такмили қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2003, №16 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ ҳангоми баррасии баҳсҳои вобаста бо тарбияи фарзандон»; баҳснокии ақидаи қотеонаи довталаб оид ба он ки қонунгузор мустақилияти молумулкии кӯдакро

эътироф намудааст; инчунин тасдиқи довталаб оид ба он, ки «вазъи ҳуқуқии кӯдакон дар даврони шӯравӣ тағйир ёфта, кӯшишҳои олимон ҷиҳати асосноккунии ақидаи даст кашидан аз оила ва тарбияи фарзандро ба давлат вогузор намудан авҷ гирифт» баҳснок мебошад; тасдиқи рисоланавис, ки истифодаи мафҳум ва категорияҳои «ҳолати ҳуқуқии кӯдак» дар ҳуқуқи гражданӣ қобили қабул мебошад; таснифи ноболиғон дар қонунгузории гражданӣ ва истилоҳоти дахлдори ташаккулёфта асоснокии пурра дошта, истилоҳи «кӯдак» бештар барои танзими ҳуқуқии оммавӣ (яъне меъёрҳои ҳуқуқи оммавӣ) аҳамият дорад; пешниҳоди диссертант ҷиҳати истифодаи дар тамоми матни Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва, умуман, ҳуқуқи оилавӣ истилоҳи ягонаи умумии «кӯдак»; мавҷуд набудани дар матни автореферат қисмати боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот; мавқеъгирии муаллиф дар он хусус, ки кӯдак ҳамчун иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқи хусусӣ бе уҳдадорӣ буда натавонистанаш ва баҳснокии мавқеи рисоланавис оид ба он ки ба сифати меросгузор баромад намудани кӯдак вобаста ба шакли мушаххас (ҳамчун шахси фавтида ва ё ҳамчун васиятгар).

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии рисоланавис:**

- инкишофи таърихии танзими ҳуқуқии вазъи кӯдакро дар Тоҷикистони таърихӣ ва низомҳои пешрафтаи таърихӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст;
- ба мафҳумҳои ҳуқуқие, ки ба мавзӯи таҳқиқот иртибот доранд ва дар қонунгузорӣ истифода мешаванд, равшанӣ андохта шудааст;
- моҳияти ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои падидаи ҳуқуқҳои кӯдак муайян гардидааст;
- таснифоти ҳуқуқҳои кӯдак гузаронида шудааст;
- ягонагӣ ва тафовути мафҳумҳои «кӯдак», «ноболиғ», «хурдсол» дар консепсияи ҳуқуқҳои кӯдак муайян гардидааст;
- тавсифи вазъи ҳуқуқии кӯдаке, ки ҳамзамон дорои вазъи падару модари кӯдак мебошад, гузаронида шудааст;
- хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ таҳлил гардидааст;
- пешниҳоду тавсияҳо оид ба такмил додани муқаррароти дахлдори қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки:**

- натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф тасаввуроти ҳуқуқҳои кӯдакро илова ва инкишоф медиҳад; барои ҳалли як қатор проблемаи назариявие,

ки ҳангоми амалигардонии ҳуқуқҳои кӯдак ба миён омадаанд, имкон медиҳад; барои ташаккулёбии дарки томи низоми ҳуқуқҳои кӯдак, ки дар қонунгузории амалкунанда муқаррар шудааст, саҳм мегузорад;

- масъалаҳои назариявӣ ва усулии истифодагардида барои ташаккулёбии дарки томи низоми ҳуқуқҳои кӯдак, ки дар қонунгузории амалкунанда муқаррар шудааст, саҳм мегузорад;

- хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар асоси онҳо зимни таҳқиқот таҳияшуда метавонанд барои такмили қонунгузории гражданӣ ва оилавии танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқии кӯдак истифода бурда шаванд;

- маводи назариявӣ ва коркардҳои таҳлилии дар диссертатсия ҷойдошта барои таҳқиқоти илмӣ оид ба проблемаи ҳуқуқи кӯдак, қобилияти субъекти ҳуқуқ будан қобили таваҷҷуҳ буда, зимни тадриси ҳуқуқи гражданӣ ва оилавӣ ба донишҷӯёни макотиби олии ҳуқуқшиносӣ истифода шуда метавонанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф барои амалия бо он собит мегардад, ки:**

- дастовард ва пешниҳодоти муаллиф барои такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқии муносибатҳо бо иштироки кӯдакон ифода меёбад. Ҳамзамон, пешниҳоду дастовардҳои муаллиф метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд;

- инчунин барои амалия аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳоду тавсияҳои дар он ҷойдошта метавонанд дар ҷараёни мукаммалгардонии минбаъдаи муқаррароти дахлдори қонунгузории гражданӣ ва оилавӣ истифода гарданд;

- маводи диссертатсия метавонад ҳангоми тадриси фанҳои таълимии ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи оилавӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирад;

- тавсияву пешниҳодоти дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дарҷгардидаро барои таҷрибаи ягона оид ба баҳсҳое, ки бо ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон иртибот доранд, истифода бурдан мумкин аст.

**Баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор намуд, ки:**

- нуқтаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар такя ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти танзими ҳуқуқи кӯдак асос ёфта, бо маводи интишории муаллиф, ки оид ба мавзӯи диссертатсия ба нашр расидаанд, мувофиқат мекунанд;

- дар таҳқиқоти диссертатсионӣ санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, як қатор санадҳои меъёрии давлатҳои хориҷӣ, нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳои асарҳои илмӣ истифода шудаанд, ки баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашударо таъмин мекунанд;

- натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда навгонии илмӣ доранд;

- натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ барои рушди ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар мустақилияти он ва бевосита гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, тасвияи таърифҳои муаллифии мафҳумҳои калидӣ вобаста ба мавзӯи диссертатсия, консепсияи муаллифии ҳуқуқҳои кӯдак, ки аз ҷониби ӯ пешниҳод шудааст, тавсияҳо бобати такмили қонунгузории амалкунанда, интишорот ва баромадҳои ӯ дар конфронсҳои гуногуни илмию амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ таҷассум мегардад.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ аз 18 марти соли 2021 қарор қабул карда шуд, ки ба Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 16 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 15 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ 15 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

18 марти соли 2021